## Оё ҳам кор ва ҳам таҳсил кардан мумкин аст?

Донишҷӯёни хориҷии аз 18-сола боло, ки дар шакли рӯзона таҳсил мекунанд, метавонанд дар вақтҳои фориғ аз таҳсил ба кор машғул шаванд. Барои бастани шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ аз онҳо талаб карда мешавад, ки танҳо маълумотнома аз мактаби олӣ ё коллеҷи дорои аккредитатсияи давлатӣ, ки дар Санкт-Петербург таҳсил

## Барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии худ дар Санкт-Петербург ба куҷо муроҷиат бояд кард?

Хатти доғ барои муҳоҷирони меҳнатии Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики:

8 812 241 46 77

Государственная инспекция труда:

git78.rostrud.ru · 8 800 600 00 00 · 8 812 408 90 15

Уполномоченный по правам человека:

8 812 241 46 77 · ombudsmanspb.ru

Прокуратура:

8 812 318 26 11 · 8 812 315 48 53 · epp.genproc.gov.ru

Главное Следственное Управление Следственного комитета РФ:

8 812 571 00 40 · 8 812 570 66 71 · spb.sledcom.ru

## Ташкилотҳои ҷамъиятӣ

БФ «ПСП-фонд» (ёрии бепули ҳуқуқӣ):

8 953 141 31 09 · 8 812 337 57 85 · vk.com/pspfond

## Хазинаҳои муфиди иттилоотӣ

**migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru**

Хазинаи интернетӣ барои муҳоҷирони Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

**migrussia.ru**

Маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва мутобиқшавӣ, робитаҳои муфид ва маводи иттилоотӣ бо чанд забон

**trudvsem.ru**

Махзани вакансияҳо Минтруда РФ «Работа в России»:

**онлайнинспекция.рф** · **rostrud.ru**

Хадамоти электронии Федеральной службы по труду и занятости:

**sudrf.ru**

ГАС РФ «Правосудие» — суроғаҳои судҳои Россия:

муфассал оид ба кортаъминкунӣ:

муфассал дар бораи бастани шартнома бо кордиҳанда:

муфассал дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ:

Разработка текста: **БФ «ПСП-фонд»**
Автор-составитель: **Якимов А. Н.**
Редактор: **Панич Б. Л.**
Дизайнер: **Костенко А. А.**
Тираж: **1000 экз.**

Буклет «Трудоустройство и защита трудовых прав» (на таджикском языке)

Изготовлено на средства субсидии Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

БФ «ПСП-ФОНД»

# Хуш омадед ба *Санкт-Петербург!*




# Ба кор даромадан ва ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ

2022

## Чӣ тавр корро дуруст ҷустуҷӯ бояд кард?

Дар сомонаҳои расмӣ кор ҷӯед:

*Общероссийская база вакансий «Работа в России»:* trudvsem.ru

*Службы занятости Санкт-Петербурга:* r21.spb.ru

*Центр трудовых ресурсов Санкт-Петербурга:* gauctr.ru

*Горячая линия СПб ГАУ Центр трудовых ресурсов* 8 800 333 70 97

*Рӯйхати 135 касби мутахассисони баландихтисос, ки шаҳрвандии Россияро бо тартиби содакардашуда бо собиқаи кории 1-сола дар Россия гирифта метавонанд:* www.garant.ru

## Корманд бояд чиро донад?

Ба миёнравҳо муроҷиат накунед: онҳо бароятон ҳуҷҷатҳои қалбакӣ месозанд ё меҳнати шуморо бепул истифода мебаранд.

Кори иҷора (аз ҷониби кордиҳандагон ба ташкилотҳои дигар фиристонидани коргарони худ бе расмӣ кунондани муносибатҳои меҳнатӣ) дар Россия манъ аст!

*Рӯйхати агентиҳои хусусии легалии шуғл дар ин ҷост:* migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru

Шумо бояд аниқ донед, ки чӣ қадар ва барои кадом кор бароятон музд медиҳанд. Андозаи музди меҳнат ва шароити пардохти он бояд дар шартномаи меҳнатӣ навишта шавад.

Шумо пулро ё ба воситаи корти махсуси бонкии ба номи Шумо тайёршуда, ё шахсан аз муҳосибот бо имзои худ ва варақаи ҳисоботӣ гирифта метавонед.

Ҳар гуна муносибатҳои пулӣ бояд ҳуҷҷатӣ кунонда шаванд.

Ҳамаи чизеро, ки имзо мекунед, бо диққат хонед, нусхаи онҳоро талаб кунед: шумо ҳуқуқ доред, ки аз имзои шартномаҳо, огоҳиҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки бо мухтаво ва шартҳояшон розӣ нестед, даст кашед.

Ҳуҷҷатҳои худро барои нигоҳдорӣ ба касе надиҳед: ҳеҷ кас ба ғайри Шумо шиноснома, иҷозати кор, суғурта, нусхаи шартномаи меҳнатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоятонро нигоҳ дошта наметавонад.

Ҳеҷ кас ҳақ надорад озодии равуои шуморо маҳдуд карда, телефонатонро кашида гирад.

Кашида гирифтани шиноснома ва маҳдуд кардани озодӣ ҷиноят аст: дар ин ҳолатҳо ба политсия муроҷиат кунед!

Барои ёрӣ муроҷиат кунед: ба политсия, Прокуратура, Инспексияи давлатии меҳнат, суд, ба Ваколатдори ҳуқуқи инсон, ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ.

## Кормандони хориҷӣ чӣ ҳуқуқҳо доранд?

Ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар Кодекси меҳнат (ТК РФ) дарҷ шудаанд.

Андозаи маоши корманде, ки шуғли пурра дорад, набояд камтар аз ҳадди ақалли музди меҳнат (МРОТ) бошад.

МРОТ дар Санкт-Петербург – 23 500 рубл дар моҳ аст.

Корфармо уҳдадор аст, ки қонунгузориро дар соҳаи муҳофизати меҳнат риоя кунад — агар шароити меҳнат дар ҷои коратон барои ҳаёт ва саломатӣ хатарнок бошад, таъҷилан корро бас карда ба Следственный комитет муроҷиат кунед.

Давомнокии рӯзи кор набояд аз — 8 соат

ҳафтаи корӣ аз — 40 соат

барои кори иловагӣ музди иловагӣ дода мешавад (мутобиқи ст.152, ст.153 и ст.154 ТК РФ).

Ҷаримаҳо ғайриқонунӣ ҳастанд

Агар коргар уҳдадориҳои меҳнатии худро иҷро накунад, корфармо метавонад ба ӯ огоҳии хаттӣ диҳад, танбеҳ эълон кунад ё мутобиқи тартиби қабулшуда аз кор хориҷ кунад, аммо наметавонад шуморо ҷарима бандад (ст. 192 ТК РФ).

Аз кор рондан бе фаҳмонидани сабабҳо манъ аст: ҳангоми хориҷ кардан аз кор ба коргар бояд фармони озод кардан дода, дафтарчаи меҳнатияш бо сабти хориҷ кардан аз кор баргардонда шавад (ст. 76 ТК РФ).

Ҳама гуна кор ҳатман бояд пардохт карда шавад: кордиҳанда уҳдадор аст, ки ба коргар музди кори иҷрокардааш ё кори дигареро, ҳатто байни онҳо шартнома набошад ҳам пардохт кунад (ст. 67.1 ТК РФ).

## Чӣ бояд кард, агар музди корро надиҳанд?

Агар маошро беш аз 15 рӯз дертар диҳанд, шумо ҳуқуқ доред мутобиқи ч.2 ст.142 ТК РФ ба корфармо оид ба қатъ кардани кор вобаста ба напардохтани маош ариза пешниҳод кунед.

Ба кордиҳанда дар бораи додани нусхаи ҳуҷҷатҳо, ки ба кор дахл доранд, мутобиқи тартиби муқарраркардаи ст. 62 ТК РФ – аз ҷумла варақаҳои ҳисобӣ бо ариза муроҷиат кунед.

Агар дар мухлати 3 рӯзи корӣ ба Шумо нусхаи ҳуҷҷатҳоро надиҳанд, аз болои кордиҳанда ба Государственную инспекцию труда аризаи шикоятӣ

Ба корфармо оид ба пардохти қарзи музди меҳнат эътироз баён кунед.

Ҳангоми баррасии ариза кордиҳанда ҳақ надорад, ки Шуморо аз кор хориҷ кунад.

Ҳангоми додани ариза муҳим аст, ки дар нусхаи он имзо ва муҳри корфармо оид ба санаи қабул кардани ариза мавҷуд бошад.

Агар корфармо ба эътироз ҷавоб надиҳад – ба прокуратура ё суд муроҷиат кардан зарур аст. Муроҷиат ва аризаҳои дастҷамъона назар ба муроҷиати шахси алоҳида самарабахштар мебошанд

Корфарморо уҳдадор кардан мумкин аст, ки қарзи музди корро баргардонад – барои ин кор бояд дар бораи напардохтани музди меҳнат бо санадҳои тасдиқкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ариза навишта, ба ин ҷо муроҷиат кардан лозим аст: Государственную инспекцию труда в

Корманд метавонад дар муддати 3 моҳи баъди огоҳ шуданаш аз поймолшавии ҳуқуқаш, дар бораи баҳсҳо оид ба хориҷ шудан аз кор дар давоми 1 моҳи гирифтани амри аз кор хориҷ шудан, ё аз рӯзи баргардондани дафтарчаи меҳнатӣ ба суд муроҷиат кунад (ст.392 ТК РФ).

Агар қарз аз 50 ҳазор рубл кам бошад, ба суди ҳакамӣ муроҷиат кардан мумкин аст;

Агар қарз аз ин зиёдтар бошад – ба судҳои умумӣ муроҷиат кунед.

Агар музди корро аз 2 моҳ ва бештар пардохт накунанд, ба ин ҷо муроҷиат кунед Следственный отдел Главного следственного управления Следственного комитета РФ по Санкт-Петербургу.